Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи
Хоҷазода Фуркат Файзалӣ дар мавзуи
«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи
қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси
12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои
ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ Хоҷазода Фуркат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Бояд зикр кард, ки дар муддати бист соли охир дар Тоҷикистон ва ҷаҳон вазъи мураккаби криминогенӣ ба вуҷуд омадааст. Дар рисола муаллиф таҳлили вазъи ҷиноятқориро дар ҷумҳурӣ дар 5 соли охир омӯхта иброз дорад, ки он тамоюли пасту баландшавӣ дошта, кушодашавии онҳо боиад, бехтар гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар сохти ҷиноятқорӣ низ тағйироти сифатӣ ба чашм мерасад. Масъалан, паҳнишавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, содир намудани терроризм, ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ва дигар шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ. Имрӯз ба амнияти давлат, ҷомеа ва шахс ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ хавфи махсусро зоҳир менамоянд. Ҳар сол дар саросари ҷаҳон даҳҳо ҳазор нафар қурбонии ин гуна ҷиноятҳо мегарданд. Ҳамзамон, кирдорҳои номбурда, чун қоида, аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятие содир карда мешаванд, ки барои вайрон кардани манфиатҳои амнияти ҷамъиятӣ махсус равона карда шудаанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 чунин таъкид намуданд: «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, кочоки силоҳ, гардиши ғайриконунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем»[1].

Ҷинояткории замони муосир дорои хислатҳои манфии қаблан номаълум буда, ба амният ва рушду инкишофи босуръати кишвар хавфи воқеӣ эҷод мекунад. Дар шароити ҳозира масъала оид ба муқовимати ҳамаҷониба бар зидди сӯйиқасди хавфи иҷтимоӣ, баркарор кардани низоми давлатӣ оид ба пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар, ки ба паст кардани сатҳи ба ҷиноят гирифтор шудани ҷомеа нигаронида шудаанд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда дар таърихи конунгузории ватанӣ пешгирии ҷиноятҳоро яке аз вазифаҳои худ номидааст (к. 1 м. 2 КҶ ҶГ). Пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мақсади қонунгузорӣ оид ба иҷрои ҷазои ҷиноятӣ эълон шудааст (к. 1 м. 3 КИҶҶ ҶТ). Нақши муҳимро дар ҳалли бомуваффақияти масъалаҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар ҳамон меъёрҳои ҳуқуқие мебозанд, ки ҷавобгариро барои кирдорҳои қасдонае пешбинӣ менамоянд, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони дигар шароити мусоид фароҳам меоваранд. Дар таърих ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин меъёрҳо, чун анъана, дар доираи мафҳуми умумии дахлдорӣ ба ҷиноят муттаҳид карда мешудаанд.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши иловагии падидаи дахлдорӣ ба ҷиноят, принсипи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон доштани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, конунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ҳамчун дахлдорӣ ба ҷиноят, таҳлили иҷтимоӣ-ҳуқуқии соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст ва мавқеи он дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ, хабар надодан дар бораи ҷиноят ва ҷинояткор ва масъалаҳои танзими қонунгузорӣ ва банду басти саҳлангорӣ ба ҷиноят зарур мебошад.

Тарҳрезии илмии проблемаи интихоб кардаи рисоланавис, инчунин, бо он асос меёбад, ки дар замони муосир таҷдиди низоми пешгирии криминализатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ, дахлдорӣ ба ҷиноят

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021, шаҳри Душанбе. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (Санаи мурочиат: 16.09.2022).

начандон дуруст ҳамчун категорияи «нимфаромӯшшуда»-и ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мондааст. Ин дар ҳолест, ки масъалаҳо оид ба рафъи сабабу шароите, ки барои содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат мекунанд, таносуби таъсири ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят, ҷудо кардани зуҳуроти ҳуқуқӣ-ҷиноятии баррасишаванда аз шарикӣ дар ҷиноят ва г. ҳоло ҳам рӯзмарра мебошанд.

Таҳлили илмии масъалаҳои зикргардида, инчунин, бо ислоҳоти идомаёфтаи қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории ба он наздик дар бораи ҷавобгарӣ барои намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят асоснок карда мешавад.

Ҳолати мазкур шаҳодати он аст, ки ҷустуҷӯи механизмҳои бехтарини (муносиби) қонунгузорӣ оид ба пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят идома дорад.

Чунончи муқаррароти қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятиро аз сӯйиқасд ба ҷиноят пурра таъмин намекунад, зеро дар низоми Қисми махсуси **КҶ ҶТ** мавҷуд будани камбудиҳои алоҳида ва низомнокии дақиқи аломатҳои дахлдорӣ ба ҷиноят, ки ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ҷой дорад.

Нокифоягии танзими ҳуқуқии дахлдорӣ ба ҷиноят бо мавҷудияти меъёрҳои мавҷудбуда дар қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда пайваст аст, ғайр аз ин, камбудиҳо дар танзими меъёрии дахлдорӣ ба ҷиноят бо мавҷуд набудани дар қонун таркиби ҷиноят, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои бехаракатии шахсони мансабдор пешбинӣ мекунанд, ҳамчун ҳодисаи хусусии он саҳлангорӣ дар содир шудани ҷиноят алоқаманданд.

Ин ва дигар камбудиҳои зикргардидаи қонунгузории ҷиноятӣ боиси хатоиҳои банду басти ҳуқуқии кирдори содиршуда мегарданд. Баъзе камбудиҳо дар амалияи татбиқи дастурҳои меъёрӣ дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят бо хислатҳои баҳсталаб будани як қатор тавзеҳоти мақомотҳои болоии судӣ ва мухталиф будани тавсияҳои илмие, ки ба кормандони амалия пешкаш карда шудаанд, асос меёбанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи диссертант масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбӣ шудаанд. Маҳз дар ин бора дар натиҷаи таҳқиқоти худ Ҳоҷазода Фуркат

Файзалӣ хулосабарорӣ намудааст, ки он кобили дастгирӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқот таҳлили илмии муқаррароти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва санадҳои меъёрии ба он наздик марбут ба ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ҳамчун яке аз воситаҳои ҳуқуқии пешгирии ҷиноятқорӣ мебошад. Мақсади диссертатсия, инчунин, аз таҳияи муқаррароти қонунгузорӣ ва тавзеҳоти назариявӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят ва дар амалия татбиқ гардидани он иборат аст.

Дар робита ба мақсади тадқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

- муайян намудани қонуният ва тамоюлҳо дар таҳаввули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят ва дар асоси он ифода ва асосноккунии фаҳмиши муаллиф дар бораи табиати ҳуқуқии кирдори зикршуда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад, бо таъини меъёрҳои ҷудо кардани он аз институти шарикӣ дар ҷиноят;

- гузаронидани таҳқиқоти муқоисавию ҳуқуқии меъёрҳо оид ба ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ;

- таҳлили ҳуқуқии аломатҳои объективӣ ва субъективии мафҳуми умумии дахлдорӣ ба ҷиноят бо мақсади таҳияи таъриф муаллифии он дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ;

– баррасии масъалаи ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба дахлдорӣ ба ҷиноят ва гурӯҳбандии онҳо мутобиқи самти таъсири пешгирикунанда;

– тавсифи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноят бо назардошти самти мақсадноки онҳо;

– таҳлили ва асосноккунии пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи дахлдорӣ ба ҷиноят, таҳияи тамсилаҳои (намунаҳои) муаллифии моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои намудҳои алоҳидаи дахлдорӣ ба ҷиноятро ба ҷанзим медароранд.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои иҷтимоие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба содир намудани ин ё он намудҳои дахлдорӣ ба ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои дахлдорӣ пешбинӣ мекунанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Ба унвони мавзуи таҳқиқот меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие баромад мекунанд, ки ҷавобгариро барои пинҳон

доштани чиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, конунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи чиноят бадастоварда, соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки бараъло бо роҳи чиноят ба даст оварда шудааст, хабар надодан дар бораи чиноят ва чиноятқор, саҳлангорӣ ба чиноят; тамоюли рушду инкишофи қонунгузории чиноятӣ дар бораи чавобгарӣ барои дахлдорӣ ба чиноят ва амалияи татбики он; доктринаҳои илмӣ, назария ва консепсияҳо оид ба проблемаи мавриди баррасӣ қароргирифта, мукаррар месозанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи амсилаи муаллифии меъёрҳои ҳуқуқи чиноятӣ дар бораи чавобгарӣ барои дахлдорӣ ба чиноят ва таъмини амалияи қонунэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқии низоми муқаррароти илмӣ оид ба чораҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ-чиноятии муқовимат ба чунин кирдори хавфноки чамъиятие иборат аст, ки содир намудани чиноятро аз тарафи шахсони дигар асосноқ мекунад ва ё барои аз адолати судӣ пинҳон кардани онҳо замина ба вуҷуд меоварад.

Дар доираи рисолаи мазкур бори аввал дар илми ҳуқуқи чиноятии ватанӣ меъёрҳо дар бораи дахлдорӣ ба чиноят аз нуктаи назари сохторҳои ҳуқуқӣ, ки ба пешгирии намудҳои алоҳидаи чиноят ва бозпорсӣ аз нав ба вуҷуд омадани онҳо нигаронида шудаанд, мавриди таҳқиқот ва таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия тафсири муаллиф дар бораи мафҳуми умумии дахлдорӣ ба чиноят ва намудҳои алоҳидаи он оварда шудааст. Муаллиф таҷрибаи муосири тафтишотӣ ва судиро, ки ҳангоми банду басти ин ё он намудҳои дахлдорӣ мушоҳида мегардад, мавриди таҳлил қарор дода, оид ба такмили фаъолият вобаста ба татбиқи ҳуқуқӣ пешниҳоду тавзеҳот таҳия намудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар таҳияи ин рисола муаллиф аз усулҳои диалектикӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, мантиқӣ, лингвистӣ, оморӣ ва дигар усулҳо истифода кардааст.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи институти дахлдорӣ ба чиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи институти мазкур мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст.

Тавассути усули муқоисавии ҳуқуқӣ роҳҳо ва усулҳои мубориза бо дахлдорӣ ба чиноят, андешидани чораҳои пешгирии он мавриди таҳқиқ қарор гирифта роҳҳои такмили он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ муайян шудааст. Қобили зикр аст, ки усули муқоисавии ҳуқуқӣ яке аз усулҳои самарабахши навиштани кори илмӣ ба ҳисоб

меравад, чунки тавассути усули мазкур қонунгузории харакаткунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур бо қонунгузории дигар давлатҳои пешрафта мавриди баррасӣ ва муқоиса карор дода шуда, усул ва роҳҳои бехтарини таҳқиқу таҳлили дахлдорӣ ба чиноят гузаронида мешавад.

Бо истифода аз усули мантиқӣ масъалахо бо тартибе мавриди баррасӣ ва тахлил карор дода шудаанд, ки ягонагӣ ва ҳамбастагии онхо ба осонӣ муайян ва ошкор карда мешаванд. Тавассути усули мазкур вазифаҳои гузошташуда дар таҳқикоти диссертатсионӣ пай дар пай таҳлил карда шудааст, ки аз ягонагии мантиқии кори илмии мазкур шаҳодат медиҳад.

Дар заминаи усули лингвистӣ истилох ва иборахои мавҷуда оид ба дахлдорӣ ба чиноят таҳлил гардида, истифодаи истилохи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст.

Дар заминаи усули оморӣ, ки дар кори илмии мазкур пешниҳод шудааст, динамикаи сатҳи дахлдорӣ ба чиноят дар даврахои гуногуни вакт мушаххас карда мешавад. Усули мазкур бояд мадди назар карда нашавад, чунки тавассути он роҳҳои самарабахши пешгирии дахлдорӣ ба чиноят ва омилҳои ангезандаи он дар даврахои гуногуни вакт ошкор гардида, динамикаи онҳо барои муайян кардани роҳу воситахои мушаххаси пешгирӣ, муайян карда мешавад.

Асосҳои назариявии таҳқикотро корҳои илмӣ оид ба фалсафа, сотсиология, таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, криминология, инчунин оид ба ҳуқуқи конституцсионӣ, ҳуқуқи чиноятии олимони ватанию хориҷӣ ташкил намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот бо ҳалли вазифаҳои илмӣ, қонунэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Натичахои таҳкик муносибати навро нисбат ба ҳалли проблемахои зиёди рӯзмарра, ки ба масъалаи танзими ҳуқуқии алокамандӣ ба чиноят дар умум ва намудхои алохидаи он, дар чараёни такмили қонунгузории маъмурӣ ва чиноятӣ, инчунин, дар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ бахшида шудааст, асоснок мекунанд.

Хулосахои бадастоварда имкон медиҳанд, ки мавкеи мавҷудаи олимонро оид ба дарки консепсияи дахлдорӣ ба чиноят аз нав дида баромада, натичахои таҳқиқот бошад, имкон медиҳанд, ки проблемаҳои мазкур дар ҳуқуқи чиноятии Тоҷикистон аз мавқеъҳои нав мавриди таҳқиқ карор дода шавад. Хулосахои бадастоварда ба дигар олимон имкон медиҳанд, ки проблемаи дахлдорӣ ба чиноятро мавриди таҳқиқ карор дода, методологияи дигари таҳкиқотро истифода баранд. Ҳамаи ин сатҳи баланди фаҳмиш ва бандубасти дурусти институти дахлдорӣ ба

чиноятро таъмин хоҳад кард.

Маводҳои тахкикотро метавон дар муассисахои тахсилоти олии касбии ҳуқуқӣ дар ҷараёни омӯзиши фанхои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус», «Криминология», курсхои махсус «Сиёсати ҷиноятӣ», «Ҷиноятҳои иқтисодӣ» истифода кард.

Сохтор ва ҳачми диссертатсия. Диссертатсия аз мукаддима, номгӯйи ихтисорахо ва (ё) аломатҳои шартӣ, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазхо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 240 саҳифаро дар бар мегирад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ бо он муайян карда мешавад, ки натиҷахои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосахои назариявӣ, таклифу пешниходхо ва нуктахои илмие, ки ба ҳимоя пешниход карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиккунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми бориз дошта бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дарачахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, тахқиқоти диссертатсионии Хоҷазода Фуркат Файзалӣ «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба чиноят мутобики қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (илмхои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Т.Ш. Шарипов**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918-40-86-00

Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«08» 12 2022 с.